**“Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда”**

Санаи 22 июли соли 2026 дар шаҳри Бохтар бо иқдоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ҳамоиши ҷумҳуриявӣ бахшида ба қабули ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълони солҳои 2027-2036 ҳамчун “Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда” баргузор гардид. Дар кори он намояндагони Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои корҳои хориҷӣ, фарҳанг ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ширкат ва бо маърӯза баромад намуданд.

Узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор Махфират Хидирзода дар ҳамоиш суханронӣ намуда, таъкид кард, ки қабули Қатъномаи СММ дар бораи “Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда”, ки бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул гардидааст, барои ҷомеаи башарӣ дар марҳалаи муосири рушди он аҳаммияти хос дорад, зеро равандҳои мураккаби дар муносибатҳои байналмилалӣ идомадошта водор месозанд, ки инсоният баҳри таҳкими сулҳ талоши якҷоя намояд.

Ҳамзамон, бо ин таъкид гардид, ки сулҳ шароит ва вазъи иҷтимоее арзёбӣ мегардад, ки маҳз дар сурати мавҷудияти он имкони таъмини адолати иҷтимоӣ, ҳуқуқҳои сиёсӣ ва интихоботии шаҳрвандон муҳайё мегардад. Сулҳ ва суботи иҷтимоӣ омилҳои муҳим дар роҳи баргузории интихоботҳои озоду шаффоф арзёбӣ мешаванд.

Дигар баромадкунандагон ҳам дар дораи аҳаммияти ташаббуси зикргардида ақидаи худро баён намуда, даъват карданд, ки арзиши сулҳ ҳамчун неъмати бебаҳо бояд ба насли ҷавон ҳамаҷиҳата фаҳмонида дода шавад.